**ҚАРОРИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

**аз 13.03.2024** **ш. Душанбе**

Суханронии Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи **«Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода,** тақризи муқарризони расмии якум – доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» – **Нуров Нуралӣ Норович**, суханронии муқарризони расмии дуюм– номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – **Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович**, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Худойдодов Аъзам, Шозиёева Гулмоҳ, Рустамова Гуландом, Исрофилниё Шарифмурод ва Хоҷамуродов Олимҷонро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дар мавзуи «Ҳабиб Аҳрорӣ ва ташаккули мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Исмоилова Дилором Ҳақбердиевна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 11 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Казакова У.С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Қурбонзода Р.Қ.

13.03.2024.